# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Айнулозода Нахтулло Айнуло дар мавзӯи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу наклиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1. Таърихи ватан**

Мавзуи тақиқотии Айнулозода Н.А ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу наклиёт бахшида шуда, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ва саривақтии илми таърих маҳсуб меёбад. Мубрамияти он, пеш аз ҳама, бо зарурати таҳқиқи таҷрибаи таърихии ташаккули шабакаҳои роҳу нақлиёт, муайян намудани нақши онҳо дар рушди иктисоди миллӣ, таҳкими муносибатҳои минтақавӣ ва таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ асоснок мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ, инфрасохтори роҳу нақлиёт ба яке аз омилҳои муҳими рақобатпазирии иқтисодӣ ва рушди устувори давлат табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи ин соҳа имкон медиҳад, ки омилҳои асосии рушди инфрасохторӣ, мушкилоти мавҷуда ва таҷрибаи таърихии ҳалли онҳо дар заминаи таҳлили илмӣ муайян карда шаванд.

Бо дарназардошти мавкеи ҷуғрофӣ, релефи кӯҳистон ва набудани дастрасии мустақим ба роҳҳои баҳрӣ, дар Тоҷикистон ба рушди инфрасохтори роҳу наклиёт таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Роҳу нақлиёт на танҳо воситаи иртибот, балки омили муҳими амнияти иқтисодӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи рушди ин соҳа барои арзёбии сиёсати давлатӣ ва муайян намудани дурнамои рушди он аҳаммияти калон дорад.

Ҳамзамон, масъалаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар таърихнигории ватанӣ ҳанӯз пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти мазкур барои пур намудани холигии илмӣ ва ғанӣ гардонидани заминаи назариявию манбаъшиносии соҳа муҳим мебошад.

Арзиши илмии таҳқиқот инчунин дар он ифода меёбад, ки дар он рушди инфрасохтори роҳу наклиёт ҳамчун падидаи таърихӣ дар иртибот бо равандҳои сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии давраҳои гуногун мавриди баррасӣ карор мегирад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки заминаҳои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт, накши барномаҳои давлатӣ ва таъсири онҳо ба рушди минтақаҳо, инчунин саҳми инфрасохтор дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии дохиливу хориҷиро таҳлил намояд. Чунин муносибати илмӣ имкон медиҳад, ки масъала дар

доираи васеи таърихӣ ва таҳлилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, робитаи мутақобилаи рушди инфрасохтор бо дигар бахшҳои ҳаёти ҷомеа ошкор карда шавад.

Айнулозода Н. дар автореферати худ бо такя ба далелҳои муътамади таърихӣ, санадҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ ва маводи таҳқиқотии соҳавӣ ба таври асоснок иброз менамояд, ки масъалаи ташаккул ва рушди шабакаи роҳу нақлиёт ҳанӯз аз солҳои аввали бунёди давлатдории миллӣ, яъне аз соли 1924, ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат аҳаммияти стратегӣ касб намудааст. Қайд карда мешавад, ки зарурати ташкили низоми муназзами роҳу нақлиёт, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва парокандагии ҳудудии минтақаҳои кишвар вобаста буда, ҳадафи асосии он таъмини ягонагии иқтисодиву маъмурии ҷумҳурӣ, рушди робитаҳои байни минтақаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои пешрафти иқтисоди миллӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар автореферат таъкид мегардад, ки дар солҳои аввали ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори роҳу нақлиёт хеле маҳдуд буда, аксари роҳҳо ба талаботи техникӣ ҷавобгӯ набуданд. Бо вуҷуди ин, давлат рушди роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳанро самти муҳими сиёсати худ қарор дод. Дар солҳои 1920–1940, сарфи назар аз мушкилоти молиявию техникӣ, роҳҳои муҳими ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бунёд гардида, заминаи инфрасохтори нақлиётӣ ташаккул ёфт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ роҳу нақлиёт аҳаммияти стратегӣ пайдо намуда, ба эҳтиёҷоти мудофиавӣ хизмат мекард. Дар солҳои баъдиҷангӣ бошад, соҳа дар барқарорсозии иқтисод нақши муҳим бозид.

Муаллиф солҳои 1950–1980-ро марҳилаи муҳими рушди инфрасохтори нақлиётӣ арзёбӣ намуда, тавсеаи роҳҳои автомобилгард, рушди роҳи оҳан ва авиатсияи шаҳрвандиро ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоӣ нишон медиҳад.

Қисмати муҳими таҳқиқот ба таҳлили рушди соҳаи роҳу нақлиёт дар давраи истиқлолияти давлатӣ бахшида шудааст. Айнулозода Н. бо диди таҳлилӣ нишон медиҳад, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Коҳиш ёфтани робитаҳои иқтисодии пешин, маҳдуд гардидани имкониятҳои молиявӣ, фарсудашавии инфрасохтор ва вобастагии транзитӣ аз кишварҳои ҳамсоя ба фаъолияти мунтазами соҳа таъсири манфӣ расониданд. Бо вуҷуди ин, тадриҷан бо ташаккули сиёсати нави давлатӣ дар самти рушди коммуникатсияҳо ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ заминаҳои рушди устувори соҳа фароҳам оварда шуданд.

Айнулозода Н. дар таҳқиқоти худ махсус таъкид менамояд, ки дар давраи истиқлолият роҳу нақлиёт ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ аҳаммияти ҳаётӣ касб намуд. Муаллиф бо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки бунёди роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳои стратегӣ, пулҳои замонавӣ ва навсозии шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсия на танҳо ба беҳтар гардидани иртиботи дохилии кишвар, балки ба таҳкими мавқеи геоиқтисодии Тоҷикистон дар минтақа низ мусоидат намуданд. Дар ин замина, таҳқиқот аҳаммияти рушди инфрасохтори нақлиётиро ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ба таври илмӣ асоснок менамояд.

Дар автореферат бо асоснокии илмӣ нақши сиёсати давлатӣ ва саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани кишвар ба минтақаи транзитӣ таъкид мегардад. Паёмҳои солонаи Сарвари давлат ҳамчун сарчашмаи муҳимми таҳлили сиёсати нақлиётӣ истифода шуда, нишон дода мешавад, ки татбиқи даҳҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт заминаи мусоид фароҳам овардааст. Дар натиҷа, Тоҷикистон тавонист ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ, таъмини пайвастагии дохилӣ ва баромадан ба роҳҳои байналмилалии нақлиётӣ ноил гардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бо назардошти таҳлили васеи адабиёти илмӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаҳои алоҳидаи рушди соҳаи роҳу нақлиёт дар асарҳои олимони русу шуравӣ ва муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ ва манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ низ дар таҳқиқ истифода шудаанд. Бо вуҷуди ин, таъкид мегардад, ки то имрӯз таҳқиқоти фарогири маҷмӯӣ, ки тамоми марҳилаҳои рушди соҳаро аз солҳои 1924 то 2021 дар бар гирад, анҷом дода нашудааст. Маҳз ҳамин холигии илмӣ зарурати таҳқиқоти мазкурро асоснок менамояд.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври дақиқ ва мантиқӣ муайян гардидаанд. Вазифаҳои пешниҳодшуда тамоми ҷанбаҳои асосии масъала аз омӯзиши заминаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ то таҳлили равандҳои муосири рушди инфрасохторро фаро мегиранд. Объект ва мавзуи таҳқиқот бо риояи талаботи илмӣ муайян гардида, доираи хронологии таҳқиқ (1924–2021) дуруст асоснок шудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба сатҳи баланди илмӣ мувофиқ буда, истифодаи принсипҳои таърихият, низомнокӣ, таҳлили муқоисавӣ ва равишҳои байнисоҳавӣ ба таҳқиқот хусусияти мукаммал

мебахшад. Дар доираи таҳқиқ соҳаи нақлиёт ҳамчун як низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, робитаи он бо дигар соҳаҳо, саноат, хизматрасонӣ, мудофиа ва рушди иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Истифодаи манбаъҳои бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ мусоидат намудааст.

Қобили таъкид аст, ки таҳқиқоти мазкур на танҳо аҳаммияти таърихӣ дорад, балки метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳияи стратегияҳои муосири рушди инфрасохтори нақлиётӣ хизмат намояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар амалияи идоракунии давлатӣ, банақшагирии инфрасохтор ва таҳияи барномаҳои рушди иқтисодӣ истифода шаванд.

Бо дарназардошти далелҳои пешниҳодшуда, автореферати диссертатсияи Айнулозода Н.А. кори илмии мантиқан анҷомёфта, мустақил ва дорои навоварии илмӣ буда, ба талаботи мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Мустаҳкамии далелу хулосаҳо ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада бозгӯи онанд, ки таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланду касбии илмӣ анҷом ёфта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватан комилан арзанда мебошад.

доктори илмҳои таърих, профессор
директори муассисаи давлатии
Қасри маданияти Арбоби
ноҳияи Б.Ғафуров Каримзода Осим Қосим

Имзои Каримзода О.Қ. тасдиқ менамоям Нозири кадрҳои МДВ и Қасри маданияти Арбоб: Аминзонов А.
6-уми июни соли 2026